*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон, 734067, шаҳри Душанбе,*
*кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail:faridullo72@mail.ru*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати докторант Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар мавзӯи "Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст.**

Таҳқиқот дар асоси таҳлилу омӯзиши таҳаввулоти назариявии низоми бонкӣ, нақши бонкҳо дар иқтисодиёт ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ, низоми баҳогузории нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ, бонкҳои давлатӣ ва самтҳои асосии ташаккул ва рушди стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ роҳандозӣ карда шудааст. Инчунин, дар таҳқиқот усулҳои таҳлили-муқоисавӣ оид ба муаммоҳои татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун нишондиҳандаи калидии ташаккул ва инкишофи низоми бонкӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар автореферати диссертатсияи ба тақриз пешниҳодшуда дар доираи алгоритме, ки пешниҳод гардидааст коркарди шаклҳои алтернативии стратегияи рушд аст. Мутахассиони бонк ҳамчун алтернатива бояд якчанд стратегияи рушдро таҳия намоянд ва ба роҳбарияти бонк пешниҳод кунанд. Лоиҳаи стратегияҳои рушд, ки аз ҷониби мутахассиони бонк таҳия мегарданд бояд имкониятҳои ҷорисозии он асоснок гардад.

Ба ақидаи докторант, роҳандозии низоми мазкур барои рушди стратегияҳои коркардшуда аз ҷониби менеҷерони бонк баррасӣ гардида, баъдан қабул карда мешаванд. Менеҷерони бонк бояд ҳамон стратегияеро интихоб ва қабул намоянд, ки тибқи принсипҳои бозор, бо назардошти ҳолатҳои бӯҳронӣ, имкониятҳои молиявии бонк тартиб дода шудааст.

Дар автореферати диссертатсия қайд гардидааст, ки "маҷмӯъан метавон тазаккур дод, ки алгоритми стратегияи рушде, ки аз ҷониби мо пешкаш гардидааст, шакли мукаммал набуда, балки яке аз намунаҳое мебошад, ки ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми қабули стратегияи фаъолияти худ метавонанд аз он истифода намоянд. Дар ин шакли стратегияи рушди пешниҳодшуда мо кӯшиш ба харҷ додем, ки самтҳои муҳим ва калидии фаъолияти ташкилотҳои

қарзиро вобаста ба вазъи муосири иқтисодӣ омӯзем ва тартиби фаъолияти бонкро дар доираи чаҳорчӯбаи стратегия пешниҳод намоем".

Новобаста аз бартариҳои таҳқиқоти мазкур, автореферати диссертатсия дорои баъзе камбудиҳо мебошад:

1) Хуб мешуд, агар зинаҳои пайдарҳамии алгоритмро муаллиф нишон медоданд.
2) Муаллиф бояд ба таҳлили таъсири омилҳои беруна, аз қабили бӯҳронҳои иқтисодӣ, тағйирот дар низоми ҷаҳонии асъор, таҳримҳо ва маҳдудиятҳо ва муҳоҷирати қувваи корӣ диққати бештар диҳад. Ин омилҳо метавонанд ба рушди низоми бонкии Тоҷикистон таъсири мусбат ва манфӣ расонанд.

Эродҳои гирифташуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии таҳқиқоти анҷомёфтаро коста намегардонанд ва ҳамчун тавсия баҳри баланд бардоштани сифати кори илмӣ гардидааст. Интишороти муаллиф воқеан муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд ва ба муқаррароти мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд.

Метавонем дарҷ намоем, ки автореферати диссертатсияи Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он метавонад сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) бошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисоди рақамӣ, муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**
**Ғафоров Ф.М.**

Имзои Ғафоров Ф.М.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **А.Ҷ. Абдуназаров**

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, тел.: +992 (37) 234 79 87, факс: +992 (37) 234 79 88
E-mail: rectorat-tut@mail.ru